**<u>аз 01.12.2017, № 554</u>**

Дар бораи тасдиқи Дастурамали посбонӣ дар
Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тибқи талаботи банди 2 фармоиши Саридораи ҳифзи сирри давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.10.2017, №218 «Дар бораи Намунаи дастурамали посбонӣ дар мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ» ва банди 16 Низомномаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Дастурамали посбонӣ дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Риояи Дастурамали посбонӣ барои посбонони биноӣ Кумитаи андоз - кормандони Хадамоти давлатии «Муҳофиза», ки дар асоси шартномаи дахлдор дар Кумитаи андоз фаъолият менамоянд, кормандони Дастгоҳи марказӣ, мақомоти худудии андоз ва корхонаҳои системаи Кумитаи андоз ҳатмӣ мебошад.

3. Шуъбаи ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ фармоиши мазкурро ба посбонони бинои Кумита, раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ, мақомоти ҳудудии андоз ва корхонаҳои системаи Кумитаи андоз дастрас намояд.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкурро ба зиммаи худам вогузор карда шавад.

Раис Н. Давлатзода

Замима
Бо фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз « 01» декабри соли 2017, № 554 тасдиқ шудааст.

# ДАСТУРАМАЛИ ПОСБОНӢ ДАР КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дастурамали посбонӣ назорати низоми гузаргоҳ, инчунин ҳифзи молу мулкро дар бинои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар суроғаи шаҳри Душанбе, кучаи Неъмат Қарабоев - 42/2 ҷойгир мебошад, муқаррар менамояд.

2. Посбон оид ба назорати низоми гузаргоҳ, инчунин ҳифзи молу мулк дар бинои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Кумитаи андоз) дар фаъолияти худ ба роҳбари гуруҳ, роҳбарияти Кумитаи андоз, масъулони ННГ ва дар ҳолати фаврӣ роҳбари мақомоти ё шахсе, ки ӯро иваз мекунад, итоат менамояд.

3. Посбон дар фаъолияти худ дастурамали мазкур, низоми гузаргоҳ дар Кумитаи андоз ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба роҳбарӣ мегирад.

4. Посбон ба ҷойи навбатдорӣ 15 дақиқа пеш аз саршавии кор ҳозир шуда, бо худ бояд шаҳодатномаи хизматӣ дошта бошад.

## 2. ҲУҚУҚҲОИ ПОСБОН

5. Посбон ҳуқуқ дорад аз роҳбарияти Кумитаи андоз талаб намояд, ки ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳои хизматиаш ба ӯ шароит ва воситаҳои барои кор зарурро фароҳам созад.

## 3. УҲДАДОРИҲОИ ПОСБОН

6. Соати 8.00 дақиқа дар ҷойи навбатдорӣ ба кор шуруъ намуда, аз шахсе, ки навбатдориро месупорад, мутобиқи «Дафтари қабул ва супоридани навбатдорӣ» бино ва калидҳои ҳуҷраҳои хизматиро қабул кунад.

7. Вуҷуд доштан ва коршоям будани воситаҳои алоқа, таҷҳизоти назоратӣ, воситаҳои сухторхомушкуниро дар бино санҷад, воситаҳои равшанидиҳандаи бинои посбонишаванда ва ҳуҷраи посбононро аз назар гузаронад.

8. Вуҷуд доштан ва пурра будани ҳуҷҷатҳои хизматии навбатдориро санҷида, онҳоро аз шахсе, ки навбатдориро месупорад, қабул намояд.

9. Ҳангоми ошкор гардидани ҳолатҳои садамавӣ, ки дар вакти қабул ва супоридани навбатдорӣ ва ҳангоми посбонии бино мушоҳида мегарданд, дар ин бора ба Раиси (роҳбарияти) Кумитаи андоз, сардори

гурухи посбонон хабар дода, онро дар «Дафтари қабул ва супоридани навбатдорӣ» бо нишон додани вақти ҳодиса ва хабар додан ба шахсони мансабдор сабт намояд.

10. Хусусияти бинои посбонишаванда, ҷойҳои нозуки он, вазъияти кунунии ҷойи посбонӣ, тартиби ҳамкориро бо дастаи мақомоти корҳои дохилӣ, ки дар хатсайри мазкур хизмат мерасонанд, донад. Аз воситаҳои алоқаи телефонӣ, тугмачаи даъвати таъҷилии мақомоти корҳои дохилӣ, инчунин аз воситаҳои сухторхомушкунии бинои посбонишаванда истифода бурда тавонад. Шахсеро, ки ҷойи посбонӣ дар итоати он мебошад, инчунин роҳбари бинои посбонишавандаро донад.

11. Баровардани молу мулкро аз бинои Кумитаи андоз танҳо бо иҷозати хаттии шахси ваколатдори Кумитаи андоз, бо сабти он дар дафтар амалӣ намояд.

12. Молу мулкро дар бинои посбонишаванда боэътимод посбонӣ кунад, ҳуқуқвайронкуниҳоро саривақт пешгирӣ намояд, шахсони бегона, инчунин шахсони дар ҳолати мастӣ қарордошта ва шахсонеро, ки нишонаи аёни касалии руҳӣ доранд, ба бинои Кумитаи андоз роҳ надиҳад.

13. Молу ашёи шахсии кормандони Кумитаи андоз, ташкилотҳои хизматрасон ва меҳмононро ба таври аёнӣ ва ё бо роҳи воситаҳои муоина бо мақсади ошкор кардани силоҳ, моддаҳои заҳрноку тарканда ва кӯшиши аз бинои Кумита беиҷозат баровардани молу ашёро аз назар гузаронанд.

14. Раиси Кумитаи андоз ва муовинони ӯро тафтишу назорат нанамоянд.

15. Шахсонеро, ки нияти ба таври ғайриқонунӣ баровардани молу ашёи Кумита ва ба бинои он даровардани силоҳ, моддаҳои заҳрноку таркандаро доранд, боздошт намоянд. Дар хусуси молу ашёи гирифташуда дар ду нусха санад таҳия намоянд ва онро якҷоя бо молу ашёи бозпас гирифташуда барои тафтишу таҳқиқи минбаъда пешниҳод кунад. Оид ба ин ҳолат роҳбарияти Кумитаи андозро хабардор намояд.

16. Ҳангоми иҷрои вазифаи посбонии бино талаботи муқаррарнамудаи Низоми гузаргоҳ дар Кумитаи андоз, дастурамали мазкур, дастурамали вазифавии посбонии Хадамоти давлатии «Муҳофиза» ва дастурамалҳои махсуси сухтор, садама ва офати табииро ба роҳбарӣ гирад.

17. Ҳангоми гирифтани иттилоъ дар бораи ба миён омадани ҳолати фавқулодда дар бино аз дастурамали махсуси сухтор, садама ва офати табиӣ истифода барад.

18. Дар ҳолати дар ҳудуди бинои Кумитаи андоз содир гардидани ҷиноят ё ҳуқуқвайронкунӣ аз тугмачаи даъвати таъҷилии мақомоти корҳои дохилӣ истифода намуда, дар ин бора ба қисми навбатдории Шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ дар ноҳияи ҷойгиршавии бино бо телефони 02 хабар дода, ҷиҳати пешгирии амалиёти қонуншиканон ва дастгир намудани онҳо тадбирҳо андешида, бо қадри имкон дар бораи аломатҳо ва роҳҳои рафтани онҳо ба гуруҳи фаврию тафтишотӣ хабар диҳад. Дар ҳолати ёфт шудани ҷисм ва бастаҳои шубҳанок фавран ба мақомоти дахлдор ва Раиси Кумитаи андоз ё муовинони он хабар диҳад.

19. Дар ҳолати руй додани ҳолати фаврии мураккаб (бетартибии оммавӣ, ҳамлаи гуруҳӣ ё ярокнок) дар бинои Кумитаи андоз фавран бонги

изтиробро тавассути тугмачаи даъвати таъҷилии мақомоти корҳои дохилӣ зер карда, ҷиҳати ошкор сохтани саркорони бетартибӣ чораҳо андешад, бо қадри имкон дар бораи аломатҳо ва роҳҳои рафтани онҳо ба гуруҳи фаврию тафтишотӣ хабар диҳад.

20. Дар ҳолати сухтор дар бино фавран ба ҳифзи сухтор бо телефони 01 ва Раиси Кумитаи андоз, инчунин ба намояндаҳои Хадамоти давлатии «Муҳофиза» бо телефони қисми навбатдорӣ ________ хабар дода, ҷиҳати бартараф намудани сухтор, наҷотдиҳии одамон ва молу мулки бино чораҳо андешад.

21. Дар ҳолати рух додани садамаи техникӣ (вайрон шудани системаи гармидиҳӣ, канализатсия, таъминоти об) фавран хадамоти садамавиро даъват намуда, дар ин хусус ба Раиси Кумитаи андоз хабар диҳад, бо қадри имкон ҷиҳати бартараф намудани садама ва наҷотдиҳии молу мулки бино чораҳо андешад.

22. Дар ҳолати бемории ногаҳонӣ ба роҳбари гурӯҳи посбонон хабар дода, то ҳозир шудани шахси ӯро ивазкунанда хизматро идома диҳад.

23. Бо ҳозиршавии Раиси Кумитаи андоз, муовинони он ё шахси мансабдор, ки масъули низоми дохилииншоотӣ мебошад, фавран дар бораи вазъи кунунии бинои посбонишаванда хабар диҳад.

## 4. БА ПОСБОН МАЪН МЕБОШАД

24. Дар вақти иҷрои вазифаи посбонӣ ҷояшро беназорат монда равад.

25. Барои нигоҳдории доимӣ лавозимот ва муросилоти касеро гирад.

26. Телефони хизматӣ ва телефонҳои барои нигоҳдории муваққатӣ супоридашударо ба манфиати шахсӣ истифода барад.

27. Ҷароғҳои ҷойи навбатдориро дар бинои посбонишаванда (Кумитаи андоз) шабона хомӯш намояд.

28. Роҳ додани кормандони мақомоти андоз ва ташкилотҳои хизматрасон ба бинои Кумита бо гузарномаҳои бегона ва дар вақти манъшудаи даромад.

29. Дар бораи кормандони Кумитаи андоз ба шахсони бегона маълумот паҳн намояд.

30. Талаботи муқаррарнамудаи низоми гузаргоҳи Кумитаи андоз, дастурамали вазифавии посбонӣ ва дастурамали махсуси сухтор, садама ва офати табииро вайрон кунад.

31. Дар бораи сифат ва хусусиятҳои бинои Кумитаи андоз маълумот ифшо намояд.

32. Маълумоти пинҳонӣ, аз ҷумла маълумоти шахсии кормандони бинои Кумитаи андоз ва шаҳрвандонеро, ки ба бино ташриф меоранд, паҳн намояд.

## 5. МАСЪУЛИЯТИ ПОСБОН

33. Посбон барои иҷрои бевиҷдонона ва хунукназаронаи уҳдадории хизматии ба зимааш вогузоршуда, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулият дорад.